# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

Дар низоми таъмини амнияти иттилоотӣ, бахусус нисбат ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, накши муҳимми ҳифзкунанда ба моддаи 301 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб аст. Маҳз тавассути мукаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, қонунгузор мехоҳад дахлнопазирии маълумоти шахсӣ ва оилавӣ, иттилои молиявию иқтисодӣ ва иттилоотӣ дар система ё шабакаи компютерӣ ё дар маҳзани мошинҳо мавҷудбударо таъмин намояд. Бо дарназардошти гуфтаҳои мазкур метавон ишора намуд, ки рисолаи илмӣ дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Он аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳои назариявӣ ва амалии барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ равонагардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Рушду пешрафти илмию техникӣ сабаби босуръат паҳн гардидани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа гардида, ташаккули муносибатҳои нави марбут ба таъмин намудани иттилоот ба пайдоиши навъҳои нави ҷиноятҳо мусоидат намуд. Солҳои охир яке аз мушкилоте, ки имрӯз тамоми ҷомеаи муосирро фаро гирифтааст, ин хавфу хатари дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот ифода мегардад. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба зеҳну тафаккури мардум, таъсири бештар мерасонанд. Дар ин замина, унвонҷӯ дуруст иброз намудааст, ки шахсоне, ки ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоотро содир менамоянд, дар раванди фаъолияти таблиғотии худ аз иқтидори шабакаҳои иҷтимоӣ ва порталҳои видеоии интернетӣ ба таври васеъ истифода менкунанд.

Ҷомеаи муосирро ҷомеаи иттилоотӣ ва ё ҷомеаи донишҳо меноманд, ки дар он иттилоот ва захираҳои иттилоотӣ мавқеи баландро соҳиб аст. Муаллиф ба маврид зикр менамояд, ки аз як тараф, бунёди ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ барои инкишофи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дастрасии иттилоот, амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон ба иттилоот, ба захираҳои иттилоотӣ, фаъолияти ҳукумати электронӣ, хизмати иттилоотӣ, рушди алоқа, таъмини сифати таҳсилот ва ғайра аҳаммият дорад. Аз тарафи дигар, бо баробари инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ҷомеаи муосир бо хатарҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ, аз қабили ҷанги иттилоотӣ (таъсиррасонии мақсадноки иттилоотии идеологӣ ва психологӣ ба шууру фаъолияти одамон бо мақсади тағйири сохти конститутсионӣ ва ғайра), ҳамлаҳои киберӣ ба системаҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки воситаи содиршавии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот мебошанд, дучор гардид.

Натиҷаи таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши автореферати диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо нишон дод, ки дар шароити кунунии рушди давлатдории миллӣ ва бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд он ба яке аз мавзӯъҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст, зеро дар ҷаҳон равишҳои умумӣ ба таърифи мафҳум ва намудҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот вуҷуд надошт, ки ин ба тavri объективӣ ба мураккабии омӯзиши ин кирдори барои ҷамъият хавфнок бо институтҳои маъмули ҳуқуқи ҷиноятӣ оварда мерасонд. Зимнан бояд эътироф намуд, ки муаллиф дар асоси истифодаи сарчашмаҳои нодир ва боэътимоди назариявӣ ва амалӣ, андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ, доктринаҳои муосири илмӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, омӯзишу таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалию миллӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар низоми ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, як таҳқиқоти маҷмуии фарогир, судманд, арзишманд ва комилро анҷом додааст.

Муаллиф собит намудааст, ки «ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот – ин гирифтани иттилоот бе ризоияти шахси истифодабарандаи он, ворид гардидан ба маълумоти махфӣ, ғайриқонунӣ дастрасӣ пайдо намудан ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техникӣ маҳфузанд» ифода мегардад.

Диссертант дар муқаддимаи таҳқиқот доир ба муҳиммияти мавзуи мавриди назар, дараҷаи илмии омӯзиши мавзӯъ маълумот додааст.

Аз мазмуни автореферат чунин бармеояд, ки муаллифи рисола нақшаи корро илман асоснок ва мантиқан дуруст тарҳрезӣ намуда, тибқи он таҳқиқоти илмиро анҷом додааст. Рисола аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, хафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар боби якуми диссертатсия – «Таҳлили таърихӣ-муқоисавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот», унвонҷӯ масъалаҳои ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳум ва хусусиятҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот, тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дур ва наздикро мавриди омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.

Дар боби дуюм, рисоланавис ба аломатҳои объективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ иброз менамояд, ки агар объекти ҷинояти таҳлилшавандаро васеътар шарҳ ва ё ҳамчун зуҳуроти мураккаб баррасӣ шавад, он гоҳ ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие, ки амнияти иттилоотиро таъмин мекунанд, объекти он муайян карда мешавад.

Дар боби сеюм, унвонҷӯ ба аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот диққат додааст. Дар умум, ба муаллиф имкон даст додааст, ки дар асоси истифодаи адабиёт ва сарчашмаҳои фаровони илмӣ, сиёсиву ҳуқуқии олимони ватанӣ ва хориҷ, доктринаҳои муосири илмӣ, дастрасӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърузаву баромадҳо ва паёмҳои Пешвои муаззами миллат,

инчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи пешқадами кишварҳои дунё мухтавои мавзуи мазкурро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, хулосаву тавсияҳои асосноки назариявӣ пешниҳод намояд.

Таҳқиқоти мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили баррасишаванда муфид арзёбӣ мегардад.

Таклифу пешниҳод, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳои муҳаққиқ илман асоснок ва арзишманд баҳогузорӣ мешаванд.

Ҳамзамон, дар автореферати диссертатсия, нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ ҷой доранд аз ҷумла, дар нуктаи якуми илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ба такмили қонунгузорӣ равона шудаанд, муаллиф иброз менамояд, ки ба боби 20 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи алоқа ва истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ», муқаррароте ворид карда шавад, ки ҷавобгарии маъмуриро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, ки боиси расонидани зарари ҷиддӣ намегардад, пешбинӣ намояд. Аз мазмуни пешниҳод маълум мегардад, ки диссертант асоснокии ин пешниҳодро пурра шарҳ надодааст.

Албатта, эроди ишорашуда дар умум хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ мазмуну моҳият ва эътибори баланди таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Ҳамин тавр, автореферати рисолаи номзадии Исозода Файзиддин Исо фарогири пурраи мухтавои диссертатсия буда, дар он масъалаҳои гузошташуда аз лиҳози илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан ҳаллу фасл шудаанд ва сазовори баҳои баланд мебошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» як кори мустақили бунёдӣ буда, комилан ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 1 майи соли 2025, №264) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Н.Ф.

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рӯдакӣ,
ҷ/д Чоряккорон, деҳаи Меҳробод, хонаи 90
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-925-98-28

**Имзои Н.Ф. Сафарзодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ Насрудинзода А.Н.

«20» январи 2026 с.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33; телефон: +992(37) 224-17-86; 372-24-17-86 E.mail: info@apa.tj